**Парки инноватсионию технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» № 629, аз 21 июли соли 2010 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав «Парки инноватсионию технологӣ» (минбаъд ПИТ ДДБ), на ҳамчун воҳиди мустақил, балки дар назди донишгоҳ ташкил карда шудааст. Муассиси ПИТ донишгоҳ буда, фаъолияти он тибқи Низомномаи парки технологӣ, ки аз тарафи Шӯрои олимони Донишгоҳ таҳти №11, аз 4.07.с.2012 тасдиқ гардидааст, дар доираи Оинномаи Донишгоҳ ба амал бароварда мешавад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти ПИТ ДДБ Шӯрои олимони Донишгоҳ санаи 24.09.с.2012 дар ҳайати 13 нафар гурӯҳи корӣ вобаста ба ПИТ ДДБ ташкил дод.

Барои вусъат бахшидани ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ ва корхонаҳои саноатии шаҳри Бохтар тадбирҳо андешида, муҳосиботи Донишгоҳ вазифадор карда шуд, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти густурдаи ПИТ маблағҳои заруриро ҷудо намояд.

Сохтори ПИТ ДДБ мутобиқи Низомномаи он такмил дода шуда, аз ҷониби Шӯрои олимони ДДБ бо қарори №6, аз 28 июни соли 2016 тасдиқ карда шудааст. Мутобиқи қарори зикршуда ПИТ ДДБ воҳиди мустақил гардид. Ҳайати кормандони ПИТ иборат аз директор, 2 нафар мутахассис ва дар ҳолати зиёд гардидани корҳо тариқи шартномавӣ мутахасисонро ҷалб менамояд. Парки технологӣ дар масоҳати 36м$^2$ ҷойгир буда дар шуъбаи ш.Бохтари "Амонатбонк" суратҳисоби худро доро мебошад.

Дар сохтори ПИТ ДДБ "Сехи коркарди маҳсулоти пластикӣ" "Дӯкони фуруши маводҳои конселярӣ"ва "Курсҳои омӯзиши компютерӣ ва забонҳои хориҷӣ" фаъолият менамояд.

Дар ҳудуди донишгоҳ як хандақи лимӯ бо дарозии 50 метр сохта шудааст, ки дар он 26 бех лимӯ парвариш меёбад. Аз лимонхона ҳамасола то 200 кг лимон ҳосил ва зиёда аз се ҳазор лимон қаламча парвариш карда мешавад. Қаламчаҳо пас аз парвариш ба бозор бароварда шуда ба хоҷагиҳо ва шаҳрвандон фурухта мешавад. Дар хандақи лимӯ дар баробари парвариши намудҳои гуногуни меваҳои ситрусӣ, инчунин гулҳои ороишии гуногуни мавсимӣ, аз ҷумла гули лола парвариш карда мешавад, ки барои зебогардонии қитъаҳои ҷудошудаи факултетҳо шинонида мешавад.

ПИТ ДДБ соли 2016 дар озмуни тендерӣ ғолиб омада бо тамоми иқтидораш ба кор шуруъ намуд. Аз ҷониби ПИТ дар ҳаҷми 500 м$^2$ тирезаҳои факултаҳои химия, физика ва технология бо тирезаҳои пластикӣ азнавсозӣ карда шуданд.

Дар давраи фаъолият яъне аз соли 2016 инҷониб ПИТ ДДБ дар ҳаҷми 240044 (дусаду чил ҳазору чилу чор) сомонӣ сомонӣ кору

хизматрасониҳоро иҷро намуда фоида ба даст овардаст. Донишҷӯёни факултаҳои гуногуни ДДБ мунтазам аз сеху марказҳои хизматрасонии ПИТ дарсҳои амалӣ гузаронида таҷриба меомӯзанд.